***УДК 341***
***ББК 67.91***

# *РОҶЕЪ БА ИТТИЛООТОНИИ МУРАТТАБСОЗИИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ*

***Шарофзода Рустам Шароф****, д.и.ҳ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ;* ***Шокиров Ғайбулло Абдуллоевич,*** *н.и.ҳ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *К ВОПРОСУ ОБ ИНФОРМАТИЗАЦИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ПРАВОВЫХ АКТОВ*

***Шарофзода Рустам Шароф****, д-р юрид. наук, профессор кафедры теории и истории государства и права юридического факультета ТНУ;* ***Шокиров Гайбулло Абдуллоевич,*** *канд.юрид. наук, доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *TO THE ISSUE OF INFORMATIZATION OF INTERNATIONAL LAW INSTRUMENTS*

***Sharofzoda Rustam Sharof,*** *Dr. of Law, Professor of the department of theory and history of state and law under the Faculty of Law of the TNU;* ***Shokirov Gaybullo Abdulloevich,*** *candidate of juridical sciences, Professor of the department of theory and history of state and law under the Faculty of Law of the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *tsulbp@rambler.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иттилоотонӣ, мураттабсозӣ, инкорпоратсия, маҷмӯи қонунҳо, маҷмааи қонунҳо, имплементатсия, трансформатсия*

*Масъалаҳои мутобиқати ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар бораи сирри давлатӣ иттилоот доранд, мураттабсозии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, сарчашмаҳои расмии интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ворид сохтани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба таркиби низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Нуқтаи назари муҳаққиқон дар бобати иттилоотонии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шаклҳои гуногуни мураттабсозии он ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Мавқеи технологияҳои муосири иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ дар рафти баҳисобгирӣ ва батартибдарории санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ махсус баррасӣ гардидааст.*

***Ключевые слова:*** *информатизация, систематизация, инкорпорация, свод законов, собрание и сборники законов, имплементация, трансформация*

*Исследованы проблемы соответствия внутригосударственного права международному праву, нормативные правовые акты, обладающие информацией, содержащей государственную тайну, вопросы систематизации международных правовых актов, официальные источники опубликования нормативных правовых актов, включение международных правовых актов как составной части в правовую систему республики. Проанализированы позиции исследователей по поводу информатизации и систематизации международных правовых актов и использования различных их форм. Особо рассматривается роль современных информационно-телекоммуникационных технологий при учете и упорядочении международных правовых актов.*

***Sharofzoda R.Sh., Shokirov G.A.*** *To the Issue of Informatization of International Law Instruments*

***Key-words:*** *informatization, systematization, incorporation code of laws, collections of laws, implementation, transformation*

*The authors research the problems of correspondence between home country law and international one, normative legal acts possessing information which contains state secrecy, systematization of international legal instruments, official sources of published normative legal acts, inclusion of latters into the law system of the republic as a constituent part. The positions of researchers related to informatization of systematization of international legal acts and usage of their different forms have been analyzed. The role of modern informational-telecommunicational technologies is canvassed with taking into account international legal instruments when the latters are regulated in respective order.*

Дар шароити ҷаҳонишавӣ мутобиқгардонии ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар ин мақола мо тасмим гирифтем, ки раванди мураттабсозии санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор диҳем.

Дар раванди таҳлили ин масъала суоли зерин ба миён меояд: раванди мураттабсозии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи кадом шакли мураттабсозӣ сурат мегирад ва дар кадом санади мураттабсозӣ ҷой дода мешавад?

Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқии муқаррар намудани вазъи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба шумор меравад. Чунончи, тибқи меъёрҳои қисмҳои 3,4 м.10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил дода, агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, дар чунин ҳолат, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ амал менамоянд.

Ҳамчунин, тибқи қ.4 моддаи мазкур, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал менамояд.

Вобаста ба масъалаи илмии мазкур, мо инкишофи минбаъдаи меъёрҳои мазкури конститутсиониро дар қ.1 м.65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [5] мебинем. Дар асоси меъёри ҳуқуқии мазкур, интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (ё санадҳои қонунгузорӣ), инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба ғайр аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки маълумоти дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, дар нашрияҳои расмӣ ройгон сурат мегирад.

Ҳолати мазкур, аз он шаҳодат медиҳад, ки меъёрҳои қ.1 м.65 Қонуни мазкур, на ба ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дахл доранд, яъне тавре таъкид гардид, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, аз ин меъёр истисно карда мешаванд. Ғайр аз он, тибқи қ.1 м.65 Қонуни мазкур, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегирад, дар нашрияҳои расмӣ интишор карда намешаванд.

Вобаста ба ин масъала, ҳамчунин суоли дигаре ба миён меояд, ки мафҳуми ҳуқуқии «сирри давлатӣ»-ро қонунгузор дар кадом санади меъёрии ҳуқуқӣ муайян намудааст?

Қонунгузор, мафҳуми ҳуқуқии «сирри давлатӣ»-ро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» [4] шарҳ додааст.

Вобаста ба интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, суоле пайдо мешавад, ки

мақсади чунин интишори расмӣ ба чӣ равона карда шудааст?

Ҷавоби суол дар дохили худи меъёри мазкур ниҳон аст, яъне ҳадаф аз интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, аз он иборат мебошад, ки ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ дастрас гардад. Баҳри амалишавии мақсадҳои мазкур, дар ҳар як санади меъёрии ҳуқуқии қабулшаванда, маъмулан, модда ва ё банди алоҳидае пешбинӣ гардидааст, ки он тартиби мавриди амал қарор додани ин санади меъёрии ҳуқуқиро муқаррар менамояд. Дар ҳамин замина, модда ва ё банди алоҳидаи мазбур барои ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ якхела буда, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор додани онҳоро муайян менамояд. Ҳамчунин ҳолатҳое низ дида мешаванд, ки тибқи он мавриди амал қарор додани баъзе қисмҳои таркибии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба мӯҳлатҳои дигар низ гузаронида мешавад.

Тавре қонунгузор таъкид намудааст, воситаҳои ахбори омма низ, ҳуқуқи нашри тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ғайр аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки сирри давлатӣ ва ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, доранд. Тибқи қ.2 моддаи мазкур шарти асосии нашри чунин санадҳо истинод ба манбаи расмӣ мебошад.

Ҳангоми таҳқиқи таносуби ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар матни санади мураттабсозии қонунгузорӣ суолҳои сершумор ба миён меоянд. Аз ҷумла оё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии давлат эътирофкардаро ба Маҷмӯи қонунҳо дохил кардан мумкин аст ё не? Онҳо, бояд чи тавр ҷойгир карда шаванд? Санадҳои байналмилалии аз ҷониби давлат эътирофгаштаро дар ҷилди ҷудогонаи Маҷмӯи қонунҳо ҷойгир кардан лозим аст ё онҳо вобаста аз соҳаҳои батанзимдарории ҳуқуқӣ бояд дар фаслҳои алоҳидаи дахлдори ин Маҷмӯъ ҷойгир шаванд? Кадом санадҳои байналмилалӣ бояд ба Маҷмуаҳои мураттабгашта дохил карда шаванд?

Ғайр аз он, сершумории намудҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар мураттабсозии онҳо мушкилии муайянро ба миён меорад. Ҳолати мазкур, дар таҳқиқоти мутахассисони соҳа низ қайд гардидааст. Бино ба таъкиди онҳо, ба санадҳои ҳуқуқии мазкур ҳамроҳ кардани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ боиси васеъшавии ҳаҷми маҷмӯъ мегардад, ки он дар навбати худ як қатор душвориҳои ҷиддии сохторӣ ва ташкилиро ба миён меорад [7, с. 37].

Вобаста ба масъалаи мазкур, қайд намудан лозим аст, ки воридкунии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ дар амалияи ҳуқуқшиносии ҷумҳурӣ воқеияти нав ба ҳисоб меравад.

То имрӯз се ҷилд ва қисми якуми ҷилди чоруми Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд, аммо ин ҷилдҳо санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар бар намегиранд, дар онҳо, ҳатто ишора ба дигар маҷмуаҳои мураттабгашта, ҷой надорад.

Дар бобати масъалаи мавриди баҳс мо бо муҳаққиқ Акмал Нематов ҳамфикр ҳастем. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки дар ҳолати кунунӣ дар чор ҷилди Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон на санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ҷойгир карда шудаанд ва на истинод ба Маҷмуаҳои мураттабгардонидашуда мавҷуд аст. Ҳамчунин муҳаққиқ дар он бора менависад, ки оё ин ҷо, идомаёбии анъанаҳои шӯравиро дидан мумкин аст ва ё тадвинкунанда, фасли алоҳидаи Маҷмӯи қонунҳоро ба санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ бахшидан мехоҳад [1, с. 173]?

Хулоса ба ҷилдҳои интишоршудаи Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ворид карда нашудаанд. Ин ҳолат бошад аз иҷро нашудани талаботи меъёрҳои м.10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м. 65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, № 1414 шаҳодат медиҳад.

Дар ин самт суолҳои зерин пайдо мешаванд: Ин масъаларо чи тавр ҳал кардан лозим аст? Татбиқи мураттабсозӣ ба кадом намудҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ зарур ва мувофиқи мақсад мебошад? Дар сурати мураттаб сохтани санадҳои байналмилалӣ кадом тарзи мураттабсозии қонунгузорӣ бояд татбиқ карда шавад?

Масъалаи мазкурро мо пеш аз ин низ мавриди таҳлил қарор дода, таъкид карда будем, ки пеш аз ҳама, бояд доираи санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро муайян кардан зарур аст, ки ба Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардани онҳо имконпазир мебошад. Ба ақидаи мо, ба доираи ин гуна санадҳои байналмилалӣ бояд санадҳои ҳуқуқии байналмилалии универсалии чунин ташкилотҳои байналмилалӣ, ба мисли СММ, САҲА, ЮНИСЕФ ва ғайра мансуб дониста шаванд. Зимнан, Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳуҷҷатҳои универсалиро бо сабаби узвияти худ дар ин ташкилотҳо эътироф намудааст [12, с. 128].

Мутахассисони соҳа роҷеъ ба дигар суолҳои мавриди баҳз низ изҳори мулоҳиза кардаанд, ки баъзеи онҳоро баррасӣ мекунем.

Дар таҳқиқоти илмӣ чунин омадааст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шартномаҳоро чун фасли мустақил ба Маҷмӯи қонунҳо ворид намудан беҳтар аст. Ва ё муҳаққиқ дар он ақидааст, ки ба сабаби аз ҳад зиёд калон будани ҳаҷм онҳоро ба фасли алоҳидаи Маҷмӯи қонунҳо инкорпоратсия намудан хеле душвор аст [8, с. 317].

Олими дигар ҷонибдор аст, ки санадҳои байналмилалӣ ба тариқи инкорпоратсияи ғайрирасмӣ мураттаб карда шаванд. Муаллиф таҷрибаи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шакли инкорпоратсияи санадҳои байналмилалиро аз ҷониби идораҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, нашрияҳои давлатӣ ва хусусӣ, муассисаҳои илмӣ, ширкатҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, шахсони алоҳида, яъне аз ҷониби он субъектоне, ки барои интишори чунин маҷмӯаҳо ваколатҳои махсус надоранд, хотирнишон намудааст [1, с. 175].

Аз як тараф, воридкунии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба маҷмӯаҳои дохилидавлатӣ ба он нукта мудаллал сохта мешавад, ки онҳо ба қисми таркибии низоми ҳуқуқии давлатӣ дохил мешаванд.

Зимнан қонунгузор ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба доираи санадҳои мураттабгашта шомил намегарданд, чи тавр бояд муносибат кунад? Албатта, воридкунии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба санадҳои мураттабгаштаи давлатӣ ҳадафи асосӣ намебошад. Дар ин ҳолат, раванди мутобиқшавии (имплементатсияи) санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар қонунгузории дохилидавлатӣ ба назар гирифтан зарур аст.

Дар таҳқиқоти илмӣ ҳам чунин изҳори ақида шудааст, ки ҳуқуқи байналмилалии муосир шаклҳо, усулҳо ва механизмҳои гуногуни мутобиқшавии санадҳои ҳуқуқии байналхалқиро пешбинӣ менамояд. Агар қоидаҳои шартномаи байналмилалӣ дар ҳуқуқи миллӣ бо сабаби худи санади тасдиққунӣ ё дигар намуди қабули шартнома қоидаҳои айниро ба вуҷуд оварад, дар ин ҳолат сухан дар бораи инкорпоратсия меравад [11, с. 90].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҳангоми инкорпоратсияи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ санади ҷудогона таҳия мешавад. Дар ин ҳолат, тасдиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қабули санади нави меъёрии дохилидавлатиро муайян месозад. Аз ин рӯ ба мураттабсозии санадҳои тасдиқгашта ва воридкунии онҳо ба

Маҷмӯи қонунҳо зарурат намемонад. Дар ин маврид тасвиби санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мумкин аст боиси зиёдшавии миқдори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми қонунгузорӣ гардад.

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ чунин усули мутобиқшавӣ ба мисли трансформатсия вуҷуд дорад. Одатан, зери мафҳуми трансформатсия қоидаҳои бо тартиби муайян ба низоми ҳуқуқии давлат воридкунии ҳуқуқи байналмилалӣ фаҳмида мешаванд. Трансформатсия равиши тасҳеҳи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ мебошад. Ҳамзамон қонунгузор дар рафти мураттабсозӣ қонунгузории амалкунандаро бояд бодиққат омӯзад, доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҷойи онҳоро дар фаслҳои ҷудогонаи Маҷмӯи қонунҳо аз рӯйи матлаби батартибдарорӣ муайян созад

Дар адабиёти илмӣ таъкид гардидааст, ки трансформатсия воситаи муҳимми имплементатсия ба ҳисоб рафта, вай метавонад бевосита, баёнёфта ва омехта бошад. Ба ақидаи муаллиф, дар рафти трансформатсияи бевосита, меъёрҳои шартномаи байналмилалии гузошташуда ва тасдиқ кардашуда, бевосита қувваи қонуниро мегирад. Трансформатсияи баёнёфта бошад, бо қабули қонуни махсус, дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки меъёрҳои шартномаи байналмилалиро ба меъёрҳои ҳуқуқии дохили давлатӣ мегузаронад, ҳамроҳ карда мешавад Шакли омехтаи трансформатсия, ки намуди аз ҳама паҳнгашта мебошад, унсурҳои ду намуди трансформатсияро ба ҳам мепайвандад [10, с. 562].

Ба ақидаи С.О. Раҷабов усули аз ҳама аз ҳама паҳнгашта ва судманди имплементатсия имплементатсияи дохилиҳуқуқӣ мебошад, ки дар он ҳам татбиқи мақсадҳои меъёрҳои байналмилалӣ ва ҳам амалигардии меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатии дахлдор таъмин карда мешаванд [11, с. 82-83].

Ғайр аз он, худи техникаи имплементатсияи дохилиҳуқуқӣ ҷолиби диққат аст, ки он дар тағйирёбӣ, иловакунӣ, бекоркунӣ ё қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ инъикос меёбанд. Ин шакли имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мумкин аст дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият татбиқ шавад ва то дараҷае ба мураттабсозии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба Маҷмуаҳои қонунҳои дохилидавлатӣ мусоидат намояд

Ҳамин тавр, мураттабсозии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба қонунгузории дохилидавлатӣ ду усулро пешбинӣ менамояд:

1) воридкунии санадҳои ҳуқуқии байналмилалии универсалӣ ба Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2) имплементатсияи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба қонунҳои дохилидавлатӣ ва санадҳои зерқонунӣ, аз он ҷумла, кодификатсиягашта.

Ҳаҷми ин маводҳо хеле зиёд аст, бинобар ин дар ҷойгир кардани онҳо ба ҷилдҳои дахлдори тарҳи Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст мушкилӣ ба миён ояд.

Яке аз роҳҳои рафъи ин мушкилот инкорпоратсияи ғайрирасмии санадҳои байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътироф гашта мебошад.

Лозим ба таъкид аст, ки инкорпоратсияи ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон бомуваффақият ба амал татбиқ шуда истодааст. Бисёр Маҷмуаҳои ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф гаштаанд, аз рӯи соҳаҳои ҷудогона (ҳуқуқи кӯдак, санадҳои СУМ ва ғ.) аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ фаъолият доранд, тартиб дода мешаванд. Инкорпоратсияи ғайрирасмиро инчунин шахсони инфиродӣ амалӣ намуда метавонанд. Дар ин бобат номбар кардани Маҷмуаи

ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва миллӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳти унвони «Ҳуқуқи инсон», ки аз ҳашт ҷилд иборат буда, кифоя аст [9].

Ба рафти инкорпоратсияи ғайрирасмӣ инчунин муассисаҳои давлатӣ фаъолона ҷалб карда мешаванд. Масалан, аз ҷониби Маркази қонунгузории миллӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷмуаи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ нашр шудааст [6].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ ва мураттабсозии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ масъалаи компютеронии раванди мазкур ба миён меояд, ки он равиши корро бо маводҳои меъёрии ҳуқуқӣ содатар ва осонтар менамояд. Нақши технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионии муосир, махсусан, техникаи компютерӣ дар раванди баҳисобгирӣ, интихобкунӣ, ҷобаҷокунӣ ва нигоҳдории санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, батартибдарории санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ аз рӯи намудҳо ва шаклҳо хеле калон аст. Алалхусус, аҳамияти технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионии муосир дар паҳнкунии иттилооти ҳуқуқӣ назаррас мебошад. Суръат ва сифати паҳнкунии санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳар як давлат, махсусан дар намуди мураттабшуда дар шабакаҳои ҷаҳонӣ (Интернет) онҳоро барои ҳар як инсон дастрас мегардонад, ки ин ҳолат ба наздикшавии низомҳои ҳуқуқии давлатҳо мусоидат мекунад

Тавре дар сарчашмаи илмӣ таъкид гардидааст, дар шароити кунунӣ низ, истифодаи технологияҳои компютерӣ ва ё технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ дар рафти ҳуқуқэҷодкунӣ, мураттабсозӣ, баҳисобгирӣ, нигоҳдории санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, такмилдиҳии қонунгузорӣ, тадриҷан мавзӯи омӯзиши соҳаҳои нави омехтаи илми ҳуқуқшиносӣ, чун кибернетикаи ҳуқуқӣ, информатикаи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи иттилоотӣ гардида истодааст. Ҳамчунин, муаммоҳои «мураттабсозии қонунгузорӣ» ва истифодаи техникаи электронии ҳисоббарорро (ТЭҲ) дар ҳуқуқэҷодкунӣ омӯхта, муаллиф менависад, ки истифодаи он, дар омодасозии лоиҳаҳои қонунҳо (баҳисобгирии иттилооти ҳуқуқӣ), нигоҳдорӣ ва додани иттилооти ҳуқуқӣ калон буда ва дар ин соҳа, бисёр муаммоҳои маърифатӣ ба миён меоянд, ҳамчунин ба ақидаи ӯ, ҷудокунии информатикаи ҳуқуқӣ аз назарияи ҳуқуқ, равиши фоидаовар ва объективӣ гашта истодааст [3, с. 495].

Дар бораи истифодаи технологияҳои навини иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ ақидаи худро пешниҳод карда В.М. Баранов таъкид менамояд, ки «Маҷмӯи қонунҳои компютерӣ» арзиши калони амалиро хоҳад дошт. Ғайр аз мақсадҳои ташкили худи Маҷмӯи қонунҳо он метавонад ҳамчун асоси иттилоотии тартибдиҳии бойгониҳои электронии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, гузаронидани тадқиқоти илмӣ, нашри адабиёти таълимӣ ва маълумотдиҳӣ хизмат кунад [2, с. 198].

То ба қарибӣ, аз ҳама шакли паҳнгаштаи баҳисобгирии иттилооти ҳуқуқӣ баҳисобгирии маҷаллавӣ ва картотекӣ ба ҳисоб мерафт. Алҳол бошад баҳисобгирии компютерии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намуди аз ҳама оқилона ва самараноки баҳисобгирӣ, бақайдгирӣ ва пешниҳоди иттилооти ҳуқуқӣ маҳсуб мегардад. Низомҳои компютерии маълумотдиҳию ҳуқуқӣ ба сабабҳои зерин оммавияти махсус доранд: онҳо маводи қонунгузории ҳаҷман калонро пешниҳод менамоянд; барои мустақилона гирифтани иттилооти ҳуқуқии аввалия, ҳатто барои шахсони омодагии ҳуқуқӣ надошта низ, имконияти калонро фароҳам меоваранд. Ба шахсоне, ки малакаҳои хуби кори ҳуқуқшиносӣ доранд, барои дарёфти иттилооти ҳуқуқии зарурӣ, дар бораи санади қонунгузорӣ ё дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низоми ҳуқуқии захираҳои

ҷустуҷӯиро пешниҳод менамояд. Низомҳои маълумотӣ-ҷустуҷӯии номбаргаштаи иттилооти ҳуқуқӣ, ҳамчун шаклҳои самараноки инкорпоратсияи иттилоотӣ-технологии санадҳои қонунгузорӣ, ба паҳншавии донишҳои ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад. Қобили қайд аст, ки иттилоот дар бораи қонунгузорӣ дар ҳаҷми зарурӣ дастрас будани ҳам барои истифодаи он дар ҳаёти рӯзмарраи шаҳрвандон, ҳам барои фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон зарур мебошад.

Хулоса паҳншавии иттилооти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳодисаҳо ва равандҳои дар боло номбаргашта, ба амал бароварда мешавад. Ба давраи муосири рушди низоми ҳуқуқии давлат баланд шудани нақши технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, низоми иттилоотӣ-ҷустуҷӯӣ, истифодаи шаклҳои нави нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилооти электронӣ ва дар ҳамин замина – ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ хос аст. Дар раванди мазкур, мураттабсозии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ мақоми хоса дорад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло таъкид намудан лозим аст, ки ҳамаи дастовардҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ дар рафти мураттабсозии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ васеъ истифода мешаванд.

***Пайнавишт:***


1. *Нематов Акмал. Правотворчество в Республике Таджикистан. Монография. Saarbrucken, Deutschland: LAP LAMBERT Academic Publishing, 2013. P. 173. [Электронный ресурс]. Email / электронная почта: info@lap-publishing.com.*
2. *Баранов В.М., Поленина С.В. Система права, система и систематизация законодательства в правовой системе России. – Н.Новгород, 2002.*
3. *Венгеров А.Б. Теория государства и права: Учебник для вузов. 6-е изд., стер. – М.: Омега-Л, 2009. – 607 с.*
4. *Закон Республики Таджикистан «О государственных секретах» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2014, № 7, ч.1, ст. 392; 2015, № 1185.*
5. *Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 30 мая 2017 г., № 1414 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2017, № 5, часть 1, ст. 271; 2019, № 1632.*
6. *Международное право в документах: Сборник международно-правовых актов и внутреннего законодательства Республики Таджикистан / Сост. Бобоев У.Х., Махмадшоев Ф.А., Менглиев Ш.М., Пулатов А.С., Салихов З.И. – Душанбе, 2010. – 780 с.*
7. *Поленина С.В., Колдаева Н.П. О Своде законов Российской Федерации. – М.: Институт государства и права РАН, 1997. – 55 с.*
8. *Поленина С.В. Каким хотелось бы видеть Свод законов Российской Федерации как социального государства // Систематизация законодательства в России (историко-правовые, теоретико-методологические и технико-юридические проблемы) / Под ред. В.М.Баранова, В.Г.Графского, С.В.Кодана. – Н.Новгород, 2008. – С. 308-318.*
9. *Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах / Под общ. ред. А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2010.*
10. *Проблемы теории государства и права / Под ред. М.Н. Марченко. – М., 2002. – 656 с.*
11. *Раджабов С.О. Имплементация норм международного гуманитарного права в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики. – Душанбе, 2006. – 198 с.*

12. *Шокиров Г.А. Систематизация законодательства Таджикистана: теория и практика: дисс. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 179 с.*

***Reference Literature:***

1. *Negmatov, Akmal. Creation of Laws in Tajikistan Republic. Monograph. Saarbrucken, Deutschland: LAP LAMBERT Academic Publishing. 2013. – p. 173 [Electronic resource]. Email: info@lap-publishing.com.*
2. *Baranov V.M., Polenina S.V. System of Law, System and Systematization of Legislation in the Law-Abiding System of Russia. – Nizhny Novgorod, 2002.*
3. *Vengherov A.B. Theory of State and Law. Manual for higher schools. The 6-th edition, stereotyped. – M.: Omega-L publishing-house. 2009. – 607 pp.*
4. *Tajikistan Republic Law "On State Secrecy" // Tidings of Tajikistan Republic Supreme Council. 2014, #7., p.1, article 392; 1915, #1185.*
5. *Tajikistan Republic Law "On Normative Legal Instruments" from May 30, 2017, #1414 // Tidings of Tajikistan Republic Supreme Council. 2017, #5., p.1, article 271; 2019, #1632.*
6. *International Law in Documents: Collection of Normative-Legal Instruments and Internal Legislation of Tajikistan Republic // Compilers: Boboyev U.Kh., Makhmadshoyev F.A., Mengliyev S.M., Pulatov A.S., Salihov Z.I. – Dushanbe, 2010. – 780 pp.*
7. *Polenina S.V. Koldayeva N.P. On the Code of Russian Federation Laws. – M.: RAS Institute of State and Law, 1997. – 55 pp.*
8. *Polenina S.V. What Type of Code of Laws in Russian Federation as a Social State we Would Like to Have // Systematization of Legislation in Russia (Theoretico-Methodological and Technico-Juridical Problems) // Under the editorship of V.M. Baranov, V.G. Grafsky, S.V. Kodan. – Nizhny Novgorod, 2008. – pp. 308 – 318.*
9. *Man`s Rights. Collection of International and National Documents in 8 Volumes // Under the general editorship of A.M. Dinorshoyev. – Dushanbe, 2010.*
10. *Problems of State and Law Theory // under the editorship of M.N. Marchenko. – M., 2002. – 656 pp.*
11. *Rajabov S.O. Implementation of International Humanitarian Law Norms in Tajikistan Republic: Problems of Theory and Practice. – Dushanbe, 2006. – 198 pp.*
12. *Shokirov G.A. Systematization of Tajikistan Legislation: Theory and Practice. Candidate dissertation in jurisprudence. – Dushanbe, 2011. – 179 pp.*